*Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 30 декабри 2014, №785 тасдиқ шудааст*

# СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ (минбаъд Стандарт) – талаботи ягона ба таҳсилоти томактабӣ, қисмати заминавии таълиму тарбияи томактабӣ, ҳаҷми ниҳоии сарбории таълимии тарбиятгирандагон, талабот ба сатҳи тайёрии тарбиятгирандагон, ташкили раванди таълиму тарбия, муҳлати гирифтани таълиму тарбияи томактабиро муқаррар менамояд.

Стандарт дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ», Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумхурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидаст.

Стандарт маҷмӯи мақсад ва вазифаҳо, мазмуни сатҳи таҳсилот, ҳадди ақали дониш, қобилият ва маҳорати тарбиягирандагон, инчунин сифати тарбия ва таълим дар синну соли томактабӣ, натиҷаҳои таълиму тарбия, принсипҳо ва қоидаҳои назорати давлатии сифати таълиму тарбияро муайян мекунад.

## 2. Соҳаи татбиқ

Стандарт, барои истифодаи умум ва ҳалли масъалаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

-таъмини доираи васеи мутахассисон бо иттилооти дастрас оид ба таълими кӯдакони синни томактабӣ;

-расонидани кумак ба падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) барои азхуд кардани дониш ва маҳорати педагогӣ дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ;

-навгароии ҷараёни педагогӣ бо назардошти талаботи доимо афзуншавандаи ҷомеа;

-дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷорӣ намудани таҷрибаи ҳамроҳшавии барвақтии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба раванди таълим,ки барои васеъ кардани доираи фарогирии кӯдакони ба кумаки коррексияи педагогӣ ва тиббию иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта, ва ҳадди имкон наздик намудани он ба маҳалли зиист, таъмини ёрии машваратии падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда), инчунин омода намудани ҷомеа барои қабули шахсони имконияташон маҳдуд.

## 3. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Стандарт истилоҳот ва мафҳумҳои асосии зерин истифода

шудаанд:

**5.Мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ** – маҷмӯи меъёр ва қоидаҳое, ки талаботи давлатиро оид ба дараҷаи инкишоф ва маърифатнокии кӯдакони синни томактабӣ, инчунин шароити ноил гардиданро ба он муайян менамояд.

**6.Нақшаи намунавии таълиму тарбияи томактабӣ** – нақшаи таълимиест, ки, номгӯи самтҳои таълим, миқдори соатҳои таълимиро барои омӯзиши онҳо дар гурӯҳҳои тарбиятгирандагон, ҳадди ниҳоии сарбории иҷозатдодашуда ва теъдоди умумии соатҳои таълимиро дар як ҳафта муайян менамояд.

**7.Барномаи таълимию тарбиявии томактабӣ** - ҳуҷҷати таълимию барномавӣ, ки мақсад ва вазифаҳои самтҳои таълимиро муқаррар карда, мазмун, вақти барои омӯзиши мавзӯҳои алоҳида ҷудогардида, намудҳои фаъолият, тарзу усули таълиму тарбияи тавсияшударо муайян менамояд.

**8.Ҳадди ниҳоии сарбории таълимии тарбиятгиранда** - миқдори соатҳои таълимӣ барои омӯзиши сохаи таълим гурӯҳи тарбиятгирандагон дар як ҳафта, ҳадди ниҳоии иҷозатдодашудаи машғулият бо кӯдакон ҷиҳати омӯзиши фанҳо ва ҳадди ниҳоии машғулиятҳо барои кӯдакон аз рӯйи синну сол ва имкониятҳои фардии онҳо.

**9.Сатҳи омодагии хатмкунанда** - меъёри мутобиқати инкишофи ӯ ба нишондиҳандаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдаки 6-7 сола.

**10. Гурӯҳи омодагии пешазмактабӣ** - гурӯҳе, ки дар назди муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ барои тайёр намудани кӯдакон ба мактаб ташкил мегардад. Омодагӣ ба таҳсил мувофиқи барномаҳои махсуси таълимии аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиқгардида ба роҳ монда мешавад.

**11. Гурӯҳи томактабӣ дар хонаи кӯдакон ва мактаб-интернатҳо** - гурӯҳҳое, ки нигаҳбонӣ, парасторӣ, таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабии бепарасторро таъмин менамояд.

**12.Инкишофи кӯдак** – ҷараёни муташаккил ва тӯлонии таълим, ки дар давоми он кӯдак намудҳои мураккаби ҳаракат, андешаронӣ, дарк намудан, муносибат ва гуфтугӯ карданро аз худ менамояд.

**13.Муассисаи таълимии томактабӣ** – ташкилоте, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро бо таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад.

**14.Муттасилӣ** – робитаи пайдарпайи байни гузашта ва ҳозира, асоси инкишофи раванди таълиму тарбия дар таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ.

**15.Синни томактабӣ** – марҳилаи ташаккулёбии ҷисмонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдак то расидан ба ҳафтсолагӣ.

**16.Таълиму тарбияи томактабӣ** – раванди мақсадноке, ки қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабиро инкишоф дода, ба оила, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин

омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат мекунад;

**18.Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)** – барои кӯдакон, новобаста ба ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, норасоии ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ омода намудани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот.

**4. Принсипҳои асосии таълиму тарбияи томактабӣ**

19. Бо дарназардошти хусусиятҳои хоси инкишофи кӯдак, намудҳои фаъолияти таълиму тарбия ва нигоҳубин бояд ба принсипҳои зерин асос ёбанд:

-камолоти ҳамаҷонибаи кӯдак дар ҳамаи давраҳои айёми кӯдакӣ, ғанӣ гардонидани инкишофи кӯдак;

-ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ дар асоси хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак, ки ӯ дар интихоби мазмуни таълими худ фаъол гардида, ба субъекти таҳсилот мубаддал мегардад;

-мусоидат ва ҳамкории кӯдакон ва калонсолон, эътирофи кӯдак ҳамчун иштирокчии (субъекти) комилҳуқуқи муносибатҳои таълимӣ;

-дастгирии ташаббуси кӯдакон дар шаклҳои гуногуни фаъолият;

-ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ бо оила;

-мутобиқ гардонидани кӯдак ба меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ, анъанаҳои оилавӣ, ҷомеа ва давлат;

-ташаккули шавқу ҳаваси маърифатӣ ва амали дарккунии кӯдак дар шаклҳои гуногуни фаъолият;

-мувофиқатии синнусолии таълиму тарбияи томактабӣ (мутобиқи шароит, талабот, усулҳо вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои рушд);

-баҳисобгирии вазъи миллию фарҳангии рушди кӯдак.

**5. Мақсад ва вазифаҳои Стандарт**

20. Стандарт барои татбиқи мақсадҳои зерин равона гардидааст:

- инкишофи ҳамаҷониба ва иҷтимоикунонии кӯдаки синну соли бармаҳал ва томактабӣ мувофиқи имкониятҳои синнусолӣ, инфиродӣ, қобилият ва талабот;

- баланд бардоштани мақоми иҷтимоии таълиму тарбияи томактабӣ;

- таъмини баробарии имкониятҳо барои ҳар як кӯдак аз ҷониби давлат ҷиҳати гирифтани таълиму тарбияи босифати томактабӣ;

- таъмини кафолатҳои давлатии сатҳ ва сифати таълим ва тарбияи томактабӣ дар асоси талаботи ягонаи ҳатмӣ ҷиҳати татбиқи барномаҳои таълимии томактабӣ ба сохтор ва натиҷаҳои азхудкунии онҳо;

- ҳифзи фазои ягонагии таҳсилоти кишвар нисбат ба сатҳи таълим ва тарбияи томактабӣ;

- дараҷаи муайяни ба низом даровардани сохтори мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ, натиҷаҳои он, ҳадди ниҳоии сарбории таълимии тарбиятгирандагон;

- муттасилӣ дар мазмуни таълим ва тарбияи томактабӣ ва зинаи

аввали таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- танзими муносибати байниҳамдигарии иштирокчиёни раванди таълим барои ноил гардидан ба мақсадҳои таълим ва тарбияи томактабӣ, баланд бардоштани сифати он;

- таъмини ҳамаи кӯдакони синну соли томактабӣ ба таълим ва тарбияи томактабӣ ва дастрасӣ ба таълим, ҳаҷми донишҳои муайян, ба даст овардани маҳорату малака вобаста ба синну сол;

-таъмини имкониятҳои баробар барои инкишофи ҳамаҷонибаи ҳар як кӯдак дар давраи синну соли томактабӣ, новобаста аз ҷойи истиқомат, ҷинс, миллат, забон, мақоми иҷтимоӣ, хусусиятҳои равонию физиологӣ ва дигар хусусиятҳо (аз ҷумла, имкониятҳои маҳдуди саломатӣ);

фароҳам овардани шароит барои инкишофи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ ва маънавии кӯдакони синну соли томактабӣ мувофиқ ба қобилият, шавқу рағбат ва хусусиятҳои инфиродии онҳо;

ташаккули меъёрҳои одобу ахлоқи шоиста ва ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоӣ ва меҳнатдӯстӣ;

тарбияи ҳисси муҳаббат ба Ватан, ба расму анъанаҳои миллӣ, ба забони модарӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ба оила ва калонсолон;

ташаккули шахсият ва рушди тафаккури эҷодии кӯдак;

-таъмини муттасилии таълим ва тарбияи томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, омодагии ҳамаҷониба барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ;

-таъмини муттасили мақсад, вазифа ва мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ, ки дар доираи барномаҳои таълимии зинаҳои гуногун амалӣ мегарданд;

-фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи кӯдакон мувофиқи хусусиятҳои суннусолӣ ва инфиродӣ, рушди қобилият ва нерӯи эҷодии ҳар як кӯдак ҳамчун субъекти муносибат бо худ, кӯдакони дигар, калонсолон ва муҳити атроф;

- муттаҳид намудани таълиму тарбия дар ягонагии раванди таълим дар асоси арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ва қоидаву меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа қабулшуда ба манфиати инсон, оила ва ҷомеа;

-ташаккули маданияти умумии шахсияти кӯдак, аз ҷумла арзиши тарзи ҳаёти солим, инкишофи сифатҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, ташаббус, мустақилият ва масъулияти кӯдак, ташаккули заминаҳои фаъолияти таълимӣ;

-таъмини вариантнокӣ ва гуногунрангии мазмуни барномаҳо ва шаклҳои ташкилии таълим ва тарбияи томактабӣ, имконияти ташаккули барномаҳои самтҳои гуногун бо дарназардошти талаботи таълимӣ, қобилиятнокӣ ва вазъи саломатии кӯдакон;

-ташаккули муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, мувофиқ ба хусусиятҳои синнусолӣ, инфиродӣ, равонӣ ва физиологии кӯдак;

-таъмини дастгирии психологию педагогии оила ва баланд бардоштани салоҳияти падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар

масъалаҳои инкишоф ва таҳсилот, ҳифз ва таҳкими саломатии кӯдак;

- ташаккули дарки муҳити атроф дар кӯдак, тасаввуроти аввалия дар бораи худ ва наздиктарин муҳити иҷтимоӣ.

**6. Таъиноти Стандарт**

21. Стандарти мазкур сатҳи зеринро таъмин менамояд:

- сиёсати ягонаи давлатӣ дар таълим ва тарбияи томактабӣ;
- дастрасии кӯдаконро бо таълим ва тарбияи босифати томактабӣ;
- мазмуни асосии таълиму тарбияи томактабӣ барои кӯдакони аз 1 то 7-сола;
- ҳамбастагии давраҳои сенситивии инкишофи кӯдакони аз 1 то 7-сола;
- раванди инноватсионӣ педагогӣ;
- мазмуни муҳити ашёию инкишофдиҳанда дар гурӯҳҳои синнусолӣ;
- талабот ба педагогҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ.

**7. Талаботи Стандарт**

22. Талаботи Стандарт ҳатмӣ аст, аз ҷумла барои:

÷ таҳияи барномаҳои таълимии томактабӣ;
÷ таҳияи барномаҳои гуногуни намунавии таълимии томактабӣ;
÷ татбиқи раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
÷ аттестатсияи давлатии фаъолияти муассиса ва омӯзгорони таълиму тарбияи томактабӣ;
÷ арзёбии воқеии мутобиқати фаъолияти таълимии муассисаҳо тибқи талаботи Стандарт;
÷ таҳияи дастурҳои таълимию методӣ ва маводи дидактикӣ барои муассисаҳои таълимии томактабӣ;
÷ расонидани кумак ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар тарбияи кӯдакон, ҳифз ва таҳкими саломатии ҷисмонӣ ва равонии онҳо дар рушди қобилияҳои инфиродӣ ваислоҳи зарурии омилҳои монеъшаванда ба инкишофи онҳо.

**8. Намуд ва сохтори муассисаҳои таълимии томактабӣ**

23. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимии томактабӣ таъсис дода мешаванд:

- ширхоргоҳ – барои кӯдакони то 3 - сола;
- ширхоргоҳ - кӯдакистон – барои кӯдакони аз 1 - солаю 6 моҳа то 7-сола;
- кӯдакистон – барои кӯдакони аз 3 то 7-сола;
- кӯдакистон – мактаби ибтидоӣ – барои кӯдакони аз 3 то 10-сола;
- хонаи кӯдакон – барои кӯдакони аз 2-моҳа то 7-сола;
- мактаб - интернат (гурӯҳи томактабӣ) – барои кӯдакони аз 1 то 7-сола;

- мактаб-интернати махсус (гурӯҳи томактабӣ) – барои кӯдакони аз 6 то 7-сола;
- муассисаи таълимии дорои гурӯҳҳои (синфҳои) омодагии пешазмактабӣ – барои кӯдакони аз 5 то 7-сола;
- маркази инкишофи кӯдакон – барои кӯдакони аз 3 то 7-сола;
- кӯдакистони оилавӣ - барои кӯдакони то 7-сола;
- кӯдакистони навъи тавонбахшӣ – муассисаи таълимии томактабӣ барои кӯдакони аз 2 то 8-сола, ки ба табобати ҷисмонӣ ва ё инкишофи равонӣ, муолиҷа ва тавонбахшӣ эҳтиёҷ доранд;
- хонаи кӯдакони навъи интернат – муассисаи таълимии томактабие, ки дар он нигоҳубин, тарбия, таълим ва мусоидати иҷтимоӣ ба кӯдакони ятим ва бепарастори синни томактабӣ ва мактабӣ аз ҳисоби давлат таъмин карда мешаванд;
- хонаи кӯдакони ятиму бепарастор – муассисаи таълимии томактабии низоми ҳифзи саломатӣ барои ҳимояи тиббию иҷтимоии кӯдакони ятим ва бепарастор, кӯдаконе, ки аз рӯзи таваллуд нуқси ҷисмонӣ ё равонӣ доранд, кӯдаконе, ки аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) рад карда шудаанд, инчунин кӯдаконе, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) бо сабабҳои гуногун муваққатан онҳоро тарбия карда наметавонанд ё аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудаанд.

24. Муассисаи таълимии томактабии навъи тавонбахшӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шуда, метавонад дар шакли муассисаи таълимии томактабии тавонбахшии махсус ё муассисаи таълимии томактабии санаторӣ фаъолият намояд.

**9. Даврабандии синнусолӣ**

25. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даврабандии зерини синнусолӣ, ки хусусиятҳои ҷисмонию равонии инкишофи кӯдакони синну соли томактабиро инъикос менамояд, муқаррар карда мешавад.

**Синну соли бармаҳал (ширхоргоҳӣ):**

- аз рӯзи таваллуд то 1 солагӣ

**Синну соли барвақтӣ (ширхоргоҳӣ):**

- аз 1 то 2-сола
- аз 2 то 3-сола

**Синну соли хурди томактабӣ:**

- аз 3 то 4-сола
- аз 4 то 5-сола;

**Синну соли калони томактабӣ:**

- аз 5 то 6-сола
- аз 6 то 7-сола.

Мувофиқ ба давраҳои синнусолӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ то 1 сентябр гурӯҳҳои синнусолии зерин ташкил карда мешаванд:

- гурӯҳи якуми синни барвақтӣ (аз 1 то 1-солаю 6-моҳа) - 12 нафар;

- гурӯҳи дуюми синни барвақтӣ (аз 1 с.6 моҳа то 2-сола) - 12 нафар;
- гурӯҳи якуми хурд (аз 2 то 3-сола) - 22 нафар;
- гурӯҳи дуюми хурд (аз 3 то 4-сола) - 22 нафар;
- гурӯҳи миёна (аз 4 то 5-сола) - 25 нафар;
- гурӯҳи калон (аз 5 то 6-сола) - 25 - 30 нафар;
- гурӯҳи омодагӣ ба мактаб (аз 6 то 7-сола) - 30 нафар;
- гурӯҳи омодагии пешазмактабӣ барои кӯдакони аз 3 то 7-сола (дар назди муассисаи томактабӣ, муассисаҳои таълимӣ, маркази инкишофи кӯдакон, кӯдакистони оилавӣ барои ба мактаб омода намудани кӯдак) - 25 нафар.

## 10. Талаботи умумӣ ба қисмати заминавии таълиму тарбияи томактабӣ

27. Қисмати заминавии таълиму тарбияи томактабӣ бояд ба самти асосии ташаккули кӯдак, комёб шудан ба мақсади таълиму тарбияи томактабӣ: саломатӣ, иҷтимоию ахлоқӣ, шахсӣ, маърифатӣ, нутқӣ, адабию эҷодӣ ва эстетикӣ мувофиқат кунад.

28. Қисмати заминавии таълиму тарбияи томактабӣ бояд самтҳои асосии тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакро бо соҳаҳои мувофиқи таълимро дарҷ кунад:

- саломатии ҷисмонӣ, инкишофи ҳаракат, фаъолияти ҳаётӣ;
- иҷтимоикунонӣ, ташаккули шахсият;
- инкишофи ҷараёни маърифатӣ, усулҳои идрок, тасаввуроти ҷузъии илмӣ (табиат);
- ташаккули сохти грамматикӣ, маданияти сухан, нутқи мураттаб, таълими савод;
- ташаккули фаъолияти мусиқӣ, тасвирӣ, конструктивиро дар синну соли муайян.

29. Ҳадди ақали ҳатмии таълимии кисматм заминавии таълиму тарбияи томактабӣ шарҳи ҳаракати мушаххас, тасаввурот, муносибати кӯдак, ки ташаккули пешрафти кӯдакро инъикос шудааст, пешниҳод менамояд.

## 11. Нақшаи таълимии заминавӣ

30. Нақшаи таълимии заминавӣ дар гурӯҳҳои синнусолӣ меъёрҳоро нисбат ба мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ, давомнокии машғулият ва сарбории ҳафтаинаро муайян менамояд:

| Гурӯҳҳои синну солӣ | гурӯҳи дуюми синни барвақтӣ | гурӯҳи якуми хурд | гурӯҳи дуюми хурд | гурӯҳи миёна | гурӯҳи калон | гурӯҳи омодагӣ ба мактаб |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: | 10 | 11 | 11 | 12 | 15 | 17 |
| Давомнокии машғулият (дақиқа) | 8-10 | 10-15 | 15-20 | 20-25 | 25-30 | 30-35 |

31. Нақшаи таълимии таҷрибавӣ (дар якҷоягӣ бо муассисаҳое, ки муассисаҳои таълимии томактабиро аз ҷиҳати методию илмӣ таъмин менамоянд) аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

32. Таҳия ва тасдиқи нақшаҳои таълимии махсус дар сатҳи таълиму тарбияи томактабӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ба роҳ монда мешавад.

**12. Талаботи умумӣ ба нақшаи таълимии заминавӣ**

33. Қисмати заминавӣ барои татбиқи талаботи Стандарт давлатии таҳсилоти томактабӣ ба мазмуни он ва хусусиятҳои синнусолии ташаккули кӯдак равона карда шудааст. Дар он мақсаду вазифаҳои тарбия ва таълими кӯдак аз рӯзи таваллуд то синни мактабӣ муайян шудааст.

34. Дар нақшаи таълимии заминавӣ ҳаҷми сарбории таълимӣ барои ҳар як давраи синнусолӣ муқаррар гардидааст.

35. Нақшаи таълимии заминавии муассисаи таълимии томактабӣ ва гурӯҳҳои омодагии пешазмактабӣ ҳамчун қисми Стандарт таркиби муҳитҳои таълимӣ ва машғулиятҳо, вақти ҷудошударо барои азхудкунии мазмун муқаррар менамояд.

**13. Барномаҳои таълимӣ**

36. Стандарт коркарди барномаҳои таълимии томактабиро, ки ба таври зерин гурӯҳбандӣ мешавад, ба инобат мегирад:

асосӣ (заминавӣ) - таъминкунандаи ташаккулёбии салоҳиятнокии бунёдӣ;

иловагӣ - ба амалисозии майлу рағбати кӯдак нигаронидашуда;

махсус - барои кӯдакони имконияташон маҳдуд.

38. Барномаҳои таълимии махсус дар асоси барномаи таълимии томактабӣ бо назардошти вазъ, дараҷаи мушкилоти ҷисмонӣ ва ё косташавии равонии шахс бо хусусиятҳои инкишофи равониию ҷисмонии ӯ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

**15. Талаботи умумӣ ба инкишофи кӯдакон**

39. Мазмуни раванди педагогӣ дар асоси инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои навин барои ба даст овардани таълим ва тарбия дар давраҳои синнусолӣ ташкил карда мешавад.

40. Барномаҳои таълимӣ ба инкишофи ҷисмонӣ, шахсият, сифати ақлонии кӯдакон, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, ки барои муваффақиятҳои иҷтимоӣ ва таъмини қобилияти рақобатпазирӣ дар тамоми ҳаёт муҳим мебошад, равона гардидаанд.

**16. Талабот ба ҳаҷми ниҳоии сарбории таълимии кӯдакони синни томактабӣ**

41. Ҳаҷми ниҳоии сарбории ҳафтаинаи иҷозатдодашудаи

тарбиятгирандагон ва давомнокии фаъолияти таълимии ташкилшуда, бо мақсади ҳифзи саломатӣ ва равонии кӯдак муқаррар карда мешавад.

42. Сарбории таълимии ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии таълиму тарбияи томактабӣ ба меъёр ва қоидаҳои санитарию гигиение мувофиқат мекунад, ки дар талаботи техникӣ оид ба таҳияи Стандарт муайян шудааст.

### 17. Талабот ба сохтори барномаҳои таълимии томактабӣ ва ҳаҷми онҳо

43. Барнома мазмун ва ташкили фаъолияти таълимиро дар сатҳи таълиму тарбияи томактабӣ муайян месозад.

44. Барнома инкишофи шахсияти кӯдакони синни томактабиро дар муошират ва фаъолиятҳои гуногун мутобиқи хусусиятҳои синну солӣ, равонию физиологии инфиродӣ таъмин менамояд.

45. Барнома ҳамчун дастгирии психологию педагогии иҷтимоикунонӣ ва фардикунонии мусбии рушди шахсияти кӯдакони синни томактабӣ мукаммал гардида, ҳаҷм, мазмун ва натиҷаҳои банақшагирифтаро дар шакли мақсадноки таълиму тарбияи томактабӣ муайян менамояд.

46. Барнома равона гардидааст:

- барои фароҳам овардани шароити инкишофи кӯдак, ки ба имкониятҳои иҷтимоикунӣ, рушди шахсият, ташаббус ва қобилияти эҷодии ӯ роҳ мекушояд;
- барои ба вуҷуд овардани муҳити таълимии инкишофдиҳанда, ки дар худ низоми шароитҳои иҷтимоикунӣ ва инфиродии кӯдакро дар бар мегирад.

47. Мазмуни Барнома бояд рушди шахсият, ҳавасмандгардонӣ ва қобилияти кӯдаконро дар фаъолиятҳои гуногун таъмин намуда, ягонагии мазмуну мундариҷаи зеринро, ки ба самти инкишоф ва таълими кӯдакон равона шудаанд, фаро гирад:

- ҳифзи саломатӣ ва инкишофи ҷисмонӣ;
- инкишофи фаъолияти маърифатӣ;
- инкишофи иҷтимоию коммуникативии кӯдак;
- инкишофи нутқ, омодагӣ ба саводомӯзӣ, муошират;
- инкишофи ахлоқии кӯдакон;
- ташаккули бадеию эстетикӣ.

### 18.Ҳифзи саломатӣ ва инкишофи ҷисмонӣ

48. Инкишофи ҷисмонӣ – давраи солимгардонии ҳаёти кӯдак буда, саломатии ҷисмонӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки бо ёрии машқҳои ҷисмонии гуногун сифатҳои устуворӣ, тавоноӣ, чобукию чолокиро соҳиб гарданд.

49. Инкишофи ҷисмонӣ пайдо намудани таҷрибаро дар намудҳои зерини фаъолияти кӯдак дар бар мегирад:

машқҳои ҳаракатдиҳанда, аз ҷумла вобаста ба иҷрои машқҳоест, ки ба инкишофи чунин хусусиятҳои ҷисмонӣ, чун ҳамоҳангсозии ҳаракат

ва чусту чолокӣ равона гардидаанд;

- барои ташаккули тарзи дурусти системаи ҳаракати бадан, инкишофи мувозинатӣ, мутобиқати ҳаракат, ҳаракати босуръат ва камсуръати дастон, иҷрои ҳаракатҳои дуруст, ки ба организм осеб нарасонад (роҳ гаштан, ҷаҳидан, гардиш ба ҳар ду ҷониб) мусоидат менамояд;

- ташаккули тасаввуроти аввалия дар бораи баъзе намудҳои варзиш, аз худ намудани бозиҳои серҳаракат аз рӯи қоида;

- таҳкими арзишҳои тарзи ҳаёти солим, аз худ намудани оддитарин меъёр ва қоидаҳои он (дар ғизо, реҷаи ҳаракат, обутобдиҳӣ, мавриди ташаккули одатҳои манфиатдор ва ғайра).

**19.Инкишофи фаъолияти маърифатӣ**

50. Фаъолияти маърифатӣ ба кӯдакон имконият медиҳад:

- ба муҳити атроф мароқ зоҳир намуда, роҳу усули фаъолиятеро интихоб намояд, ки ба мақсади гузошташуда ҷавобгӯ бошад;

- дар раванди намудҳои гуногуни фаъолият диққат, хотира, тафаккур, тахайюл, нутқ, роҳҳои фаъолияти фикрии кӯдакон (маҳорати муқоиса, таҳлил, ҷамъбаст, муайян намудани робитаи оддитарини сабабию натиҷавӣ ва ғайра) инкишоф ёбад.

51. Фаъолияти маърифатӣ дар назар дорад:

- рушди шавқу ҳаваси кӯдак, кунҷковӣ, ҳавасмандгардонии маърифатӣ;

ташаккули фаъолияти маърифатӣ, инкишофи шуур, рушди тахайюл ва ташаббусҳои эҷодӣ;

инкишофи ҷаҳонбинии минбаъдаи ҳар як кӯдак;

бедор намудани кӯдак барои мустақилона ҷустуҷӯ кардани ҷавобҳо ба саволҳои пайдошуда, бомақсад равона кардани ӯ ба мулоҳизаронӣ ва таҳлил, пешгӯӣ ва маҳорати савол додан.

52. Ташаккули тасаввуроти аввалин:

- дар бораи худ ва одамони дигар;

- дар бораи муҳити атроф;

- дар бораи хусусият ва муносибати ашёи олами атроф;

-дар бораи Ватан, тасаввурот ва арзишҳои иҷтимоию мадании мардуми худ;

- дар бораи одату анъана ва ҷашнҳои миллӣ;

- дар бораи хусусиятҳои курраи Замин, табиат, гуногунии мамлакатҳо ва халқиятҳои ҷаҳон.

**Инкишофи иҷтимоию коммуникативии кӯдак**

53. Инкишофи иҷтимоию коммуникативии кӯдак равона шудааст ба:

аз худ намудани меъёр ва арзишҳое, ки дар ҷамъият қабул шудаанд, аз ҷумла арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ;

инкишофи муошират ва амали якҷоя бо калонсолон ва ҳамсолон;

ташаккули мустақилият, ҳадафмандона ва худидоракунии амалҳои

шахсӣ;

ташаккули омодагӣ ба фаъолияти якҷоя бо ҳамсолон;

ташаккули муносибати эҳтиромона ба оила, кӯдакон ва калонсолон;

- ташаккули асосҳои рафтори бехатар дар рӯзгор, ҷомеа ва табиат;
- пешбинии инкишофи заминаҳои дарки арзишҳои маънавӣ, асарҳои санъат ва олами табиат;
- ташаккули муносибати зебоипарастӣ ба олами атроф;
- ташаккули тасаввуроти оддитарин дар бораи намудҳои санъат;
- дарки мусиқӣ, адабиёти бадеӣ, эҷодиёти шифоҳӣ;
- тарбияи дарки қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ;
- амалӣ намудани фаъолияти мустақилонаи эҷодии кӯдакон (тасвирӣ, тартибдиҳию моделӣ, мусиқӣ ва ғ).

**21. Инкишофи нутқ, омодагӣ ба таҳсил, муошират**

54. Инкишофи нутқ дар бар мегирад:

- доштани маҳорати нутқ ҳамчун воситаи муошират ва маданият;
- ташаккули дурусти алоқамандии грамматикии нутқи диалогӣ ва монологӣ;
- инкишофи маҳорати нутқӣ;
- инкишофи маданияти овозии нутқ ва суханронӣ;
- шиносоӣ бо китоб, адабиёти бачагона, фаҳмиши матнҳои гуногуни адабиёти кӯдакона;
- ташаккули захираи луғавӣ, маданияти сухан;
- истифодаи калимаҳои азхудкардашуда барои тартиб додани ҷумла;
- қобилияти гӯш кардан ва фаҳмидани нутқ;
- аз калима тартиб додани ибора ва сохтани ҷумла;
- расони таъсири мусбат ба нутқи шифоҳӣ дар муносибати кӯдакон;
- омӯзиши талаффузи дурусти калима.

**22. Инкишофи маънавии кӯдак**

52. Тарбияи маънавӣ- ин маҷмӯи рафтори маънавӣ ва равонӣ, нутқ, ҳиссиёт ва идрок, ки дар солҳои аввали ҳаёти кӯдак ташаккул меёбад.

53. Инкишофи маънавии кӯдак равона шудааст ба:

- одатҳои маънавӣ, рафтор ва амал, ки кирдору амали кӯдакро таъмин менамоянд;
- муносибатҳои дӯстонаю меҳрубонона бо атрофиён, ҳурмату эҳтироми калонсолон;
- мустақил будан, меҳнатдӯстӣ, ғамхорӣ ба муҳити атроф ва дигар сифатҳое, ки ба тарбияи миллӣ хос мебошад;
- ташаккули малакаҳои маънавӣ мувофиқи хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии кӯдак;
- инкишофи ҳиссиёти маънавӣ, хусусиятҳо ва тағйирёбии онҳо дар ҳолатҳои гуногун;
- таъсири ҳиссиёти маънавӣ ба рафтори кӯдак;

- омӯзиши таҷрибаи маънавӣ ба воситаи намудҳои гуногуни фаъолият ба мисли бозӣ, меҳнат, муошират бо калонсолон;

- ташаккули олами маънавии кӯдак;

- тарбияи малакаҳои маънавӣ, рафтор ва одатҳо.

54. Инкишофи инфиродии кӯдак бояд ба қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ва оила ба шинос намудани ӯ бо қоидаҳои оддитарини умумибашарӣ равона шавад. Мазмуни он аз рӯзҳои аввали ҳаёти кӯдак ба тарбия намудани муносибати ғамхорона ба муҳити атроф, муҳаббат ба оила, зодгоҳ, Ватан нигаронида мешавад.

Инчунин, вазифа гузошта мешавад, ки ҳанӯз аз синни барвақтӣ дар кӯдак ҳисси эҳтиром ба калонсолон, ташаккули малакаи рафтори маданӣ, маҳорати дӯстона бозӣ ва меҳнат кардан тарбия карда шавад.

**23. Инкишофи бадеию эстетикии кӯдак**

Инкишофи бадеию эстетикӣ ба рушди дарк ва фаҳмиши маънои асарҳои бадеии олами табиат замина мегузорад.

Ташаккули муносибати эстетикӣ ба муҳити атроф.

Ташаккули тасаввуроти оддитарин оид ба намудҳои санъат.

Дарки мусиқӣ, асарҳои бадеӣ, эҷодиёти даҳонии халқ.

Ҳавасмандӣ ва эҳтиром ба қаҳрамонони асарҳои бадеӣ.

Амалӣ намудани фаъолияти эҷодии мустақили кӯдакон.

**24. Меъёрҳои салоҳиятнокии кӯдакони синни томактабӣ**

Мазмуни заминавии таълиму тарбияи томактабӣ ба ташаккули салоҳиятнокии кӯдак ҳамчун натиҷаи фаъолияти таълимӣ равона карда шудааст.

63. Ҳар як давраи синнусолӣ вобаста ба дараҷаи муайяни азхудкунии салоҳиятнокӣ шарҳ дода мешавад.

**25. Салоҳиятнокии маърифатӣ**

64. Салоҳиятнокии маърифатӣ имкон медиҳад:

бедор намудани шавқу ҳавас ба муҳити атроф;

интихоб намудани роҳҳои фаъолияти ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқ;

ба мақсади гузошташуда ноил шудан;

аз худ намудани донишҳои экологӣ;

савол додан, таҷриба ва муқаррар намудани робитаҳои сабабу натиҷа;

- муттаҳидсозии ашё дар асоси дарки умумӣ ва ба онҳо додани ишораҳои калимавӣ.

**26. Салоҳиятнокии иҷтимоӣ**

65. Салоҳиятнокии иҷтимоӣ имкон медиҳад:

донистани андозаи имконоти худ;

ҳамроҳ шудан ба фаъолияти якҷоя бо ҳамсолон ва калонсолон;

- дарк намудани арзишҳои фарҳангии халқҳои дигаре, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд.

**27. Салоҳиятнокии муоширатию забонӣ**

Салоҳиятнокии муоширатию забонӣ имкон медиҳад:

- истифодаи воситаҳои гуногуни робитаҳои шифоҳӣ бо забони модарӣ ва забонҳои дигар барои ба роҳ мондани муносибат ва ҳамкории тарафайн;

- интихоби воситаҳои зарурии лексикӣ, восиатаҳои грамматикии забон ва истифодаи он ҳангоми бозӣ ва дигар намудҳои фаъолият.

**28.Салоҳиятнокии эҷодӣ**

67. Салоҳиятнокии эҷодӣ имкон медиҳад барои:

зоҳир намудани шавқу ҳавас ба асосҳои дониши мусиқӣ, санъат;

ифода намудани муносибати худ ба асарҳои бадеӣ ва эҷодиёти халқ;

офаридани образҳои инфиродии бадеӣ бо истифода аз воситаҳои бадеият (ранг, оҳанг, шакл, банду баст ва ғ.).

68. Нишондиҳандаи ташаккули кӯдак барои ба даст овардани дониш ва малакаҳои зарурӣ таҳия шудааст.

**29. Талаботи намунавии мазмуни муҳити инкишофи кӯдакони синни томактабӣ**

69. Мазмуни мушаххаси дар соҳаҳои таълимӣ нишондодашуда аз хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии кӯдакон вобаста буда, тавассути мақсад ва вазифаҳои барномаҳо муайян карда мешавад ва метавонад дар доираи фаъолиятҳои гуногун амалӣ шавад.

70. Дар синни хурди барвақтӣ:

- муошрати бевоситаи ҳиссиётӣ бо калонсолон;
- ҳаракат бо ашё ва амалҳои маърифатию таҳқиқотӣ;
- дарки мусиқӣ, суруд ва шеърҳои бачагона;
- фаъолияти ҳаракатӣ ва бозиҳои ҳиссиётию ҳаракатӣ.

71. Дар синни барвақтӣ:

- фаъолияти ашёӣ ва бозӣ бо бозичаҳои таркибӣ ва муҳаррик;
- муошират бо калонсолон ва бозии якҷоя бо ҳамсолон зери роҳбарии калонсолон, худхизматрасонӣ ва амал бо ашёву олоти маишӣ (қошуқ, хокандоз, белча ва ғайра);
- дарки моҳияти мусиқӣ, афсона, шеър;
- тамошои расмҳо, фаъолияти ҳаракатӣ.

72. Барои кӯдакони синни томактабӣ:

- як қатор намуди фаъолият, мисли бозӣ, аз ҷумла бозиҳои мазмунӣ-нақшӣ, бозиҳои қоидадор ва дигар намуди бозиҳо, робитавӣ (муошират ва муносибати тарафайн бо ҳамсолон ва калонсолон),
- маърифатию таҳқиқотӣ (таҳқиқоти объектҳои муҳити атроф ва таҷриба бо онҳо);
- дарки адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқӣ;

- худхизматрасонӣ ва оддитарин меҳнати маишӣ (дар дохили бино ва кӯча);

- тартибдиҳӣ аз маводи гуногун, аз қабили конструтор, модулхо, сохтани қисми ҷузъӣ, коғаз ва маводи гуногуни табиӣ;

- тасвирӣ (расмкашӣ, суробсозӣ, гулмонӣ);

- мусиқӣ (дарк ва фаҳмиши маънои асари мусиқӣ, суруд, ҳарактҳои мусиқӣ-зарбавӣ, навохтани асбобҳои мусиқии бачагона);

- намудҳои фаъолияти ҳаракати кӯдак.

## 30. Талаботи намунавӣ ба мазмуни муҳити инкишофёбии кӯдакони синни томактабӣ

73. Гурӯҳҳое, ки дар он кӯдакон ҷойгир карда мешаванд, бояд аз се ҳуҷраи таркибӣ иборат бошанд:

- дар ҳуҷраи хоб;
- дар ҳучраи бозӣ;
- дар ҳучра барои гузаронидани машғулиятҳои инкишофӣ.

74. Дар тамоми бино реҷаи ҳавои мӯътадил риоя карда мешавад:

- ҳуҷраи бозӣ 19-21 дараҷа;
- ҳучра барои гузаронидани машғулият 20-22 дараҷа;
- ҳучраи ҷойи хоб 19-21 дараҷа;
- рутубати ҳаво бояд тақрибан 40-60 мм. ст.с. бошад.

75. Либоси кӯдакон дар ҳуҷраҳо сабук буда, ба реҷаи ҳарорат бояд мувофиқат намояд. Дар гурӯҳҳо барои истифодабарии озодонаи кӯдакон бояд маводи зарурии инкишофи нутқ ва эҷодии кӯдакон бошад, ҳама гуна шароит барои фаъолияти инфиродӣ ва якҷояи кӯдакон муҳайё гардида, аз ҷумла гӯшаҳои танҳонишинӣ (таҷридӣ) омода карда шаванд.

76. Дар гурӯҳҳо бояд бозичаҳои гуногуни омӯзишӣ (маҷмӯи бозиҳои гуногуни сюжетдор) барои бозиҳои гуногун ҷиҳати ташаккулёбии кӯдакон дар намудҳои гуногуни фаъолият мавҷуд бошанд.

77. Ҳуҷраҳои гурӯҳӣ бо мақсади ташкили ҷараёни таълиму тарбия бояд бо лавозимоти маишию мизҳо, курсиҳо ва ғайра таҷҳизонида шаванд.

78. Ороиши эстетикии гурӯҳҳо бояд ба инкишофи бадеӣ ва эҷодии кӯдакон мувофиқат намояд (намоиши эҷодиёти бадеии халқ, корҳои эҷодии кормадони муассисаҳои томактабӣ, кӯдакон, падару модарон). Барои саҳначаҳо ва спектаклҳо, бозиҳои нақшдор, намоишномаҳо таҷҳизоту васоили гуногун муҳайё карда шаванд.

Дар гурӯҳҳо гӯшаҳои табиат (наботот ва ҳайвонот) ташкил карда шаванд. Дар қитъаҳои замин барои инкишофи ҳаракат, инчунин барои парвариш ва нигоҳубини растаниҳо шароит муҳайё бошанд (боғ, обчакорӣ, гулзор, мевазор ва ғайра).

Дар ҳуҷраҳои бозӣ ё дар ҳолати набудани он дар дигар ҳуҷраҳо бояд чой ва хар гунна тачхизот барои бозӣ ҷой ҷудо карда шавад. Бозича ва таҷҳизот бояд:.

- барои солимии ҷисмонӣ бехатар бошанд;
- пеш аз истифодаи кӯдакон бо собун ва оби гарм шуста шаванд.

81. Бозича ва мавод бояд бехатарии равониро таъмин намоянд. Онҳо бояд тарбия намоянд:

- худдорӣ намудани кӯдак аз таҳрик, амалҳои зӯроварӣ ва рафтори зишт;
- эҳсосоти манфӣ, тарсу ваҳм, ноустуворӣ, нooромӣ.

82. Бозичаҳо ва мавод бояд инкишофи ҳаматарафаи кӯдаконро таъмин намуда, чунин хусусиятҳоро дошта бошанд:

- бисёрфункционалӣ (имконияти истифодаи чандирӣ ва гуногуннамудӣ дар ҳолатҳои гуногуни бозиҳо, инчунин мувофиқат ба сюжети бозӣ ва матлаби кӯдак);
- моҳияти таълимӣ (имконияти истифодаи босифати воситаҳои таълимӣ);
- самти эстетикӣ доштан (барои инкишофи бадеию эстетикии кӯдак, ҷалби ӯ ба ҷаҳони санъат);
- мувофиқати бозича нисбат ба ҷинси кӯдак;
- ташкил намудани муҳити бозӣ дар хона (оила);

83. Таҷҳизоти барои ҳуҷраи бозӣ муқарраршуда бояд устувор мустаҳкам бошанд.

84. Муҳити ташаккулёбии кӯдакро мунтазам тағйир додан зарур аст. Бозичаҳое, ки ба кӯдак шавқовар нестанд, ба якчанд муҳлат ҷамъоварӣ ва ба гӯшае гузошташуда, дар ҳолати зарурӣ боз барои бозӣ истифода карда шаванд.

## 31.Талаботи умумӣ ба омӯзгороне, ки бо кӯдакони синну соли томактабӣ кор мебаранд

Ҳуқуқ ва ухдадориҳои кормандони педагогӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Педагоге, ки бо кӯдакони синну соли томактабӣ фаъолияти корӣ дорад, бояд:

- донишҳои равонии томактабӣ, педагогӣ ва асосҳои педагогикаи коррексиониро дошта бошад;
- барои сифат ва натиҷаи фаъолияти худ ӯҳдадор бошад;
- реҷаи оқилонаи ҳаракати кӯдаконаро (бозиҳо, ҳаракатҳои рақсӣ, машқҳои ҷисмонӣ ва ғ.) ташкил намояд;
- изҳори шавқу рағбати мустақилонаи кӯдаконро дастгирӣ намояд;
- доираи амалҳои мустақилонаи кӯдакро бо назардошти пешрафти рушж ва имкониятҳои ӯ васеъ гардонад;
- барои азхудкунии шаклу намудҳои нави амалҳо кумак карда, рафтору муносибатҳои ӯро такмил диҳад;
- фаъолияти маърифатии ҳар як кӯдакро тавсиф намояд ва рағбати мушоҳидакорӣ, малакаи муқоисаи сифату хусусиятҳои ашёро инкишоф диҳад;
- ба кӯдакон ҳисси таҳайюл, шодӣ, дарк кардани оламро тарбия карда, бо саволҳои худ кӯдакро ба фикрронӣ ва ба кашфиётҳои нав

водор созад;

- инкишофи муошимрати кӯдак бо ҳамсолон, аз ҷумла бойшавии таҷрибаи кӯдакро мушоҳида намояд;

- кӯшиши кӯдакро ба кирдори хуб дастгирӣ намуда, ба ин восита барои ташаккули худбаҳодиҳии мусбии кӯдак мусоидат кунад;

- бозиро мазмуни ҳаёти кӯдак гардонад, гуногунрангии олами бозиҳоро ба хурдсолон кушояд, муҳити бозиро ҳамчун ангезандаи эҷоди мустақилонаи бозӣ дар ҳамбастагии озоди кӯдак бо бозичаҳо, ашё ва ивазкунандаи ашё таъсис диҳад;

- дарки дурусти ҷараёнҳои оддитарини меҳнатиро таъмин кунад;

- тарзи ҳаёти кӯдакро ҳангоми бозӣ бо ашё, бозичаҳо, ивазкунандаи ашё, мавод барои бозиҳои эҷодӣ ташкил кунад;

- намудҳои амалиёти мутақобиларо дар ҷараёни педагогикаи инсонпарварӣ, яъне ҳамкорӣ, эҷодиёти якҷоя, таҷрибаи намояндагони фарҳангу миллатҳои гуногун ва гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ ба эътибор гирад.

87. Шарти асосии ташкили раванди таълим ин муошимрати ҳамарӯзаи инфиродӣ ё дар зергурӯҳҳо мебошад.

Кори педагогиро бо кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ, хонаи кӯдакон мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ менамоянд.

Кормандони педагогие, ки таҳсилоти педагогии томактабӣ надоранд, дар асоси хулосаи комиссияи аттестатсионӣ барои кор бо кӯдакон роҳ дода мешаванд.

Кормандони педагогии муассисаҳои томактабӣ тибқи тартиботи муқарраргардида аз курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мегузаранд.

**32. Нақши оила дар таълиму тарбияи томактабӣ**

Оила уҳдадор аст, ки барои гирифтани таълиму тарбияи томактабии кӯдак дар муассисаҳои таълимиитомактабӣ мусоидат кунад ва ё мувофиқи мазмун, сатҳ ва ҳаҷми таълиму тарбияи томактабӣ, рушд, таълиму тарбияи кӯдакро дар оила таъмин намояд.

92. Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) уҳдадор ҳастанд:

- новобаста аз фаро гирифтани кӯдак ба муассисаи таълимии томактабӣ, барои тарбия, ташаккул ва рушди ҷисмонию маънавӣ, омодагии ҳамаҷонибаи ӯ барои таҳсил дар мактаб мусоидат намоянд;

- дар назди ҷомеа ва давлат баҳри инкишоф, тарбия ва таҳсили кӯдакон вазифадор буда, инчунин бояд ҳаёт, саломатӣ ва ҳуқуқҳои кӯдакро химоя намояд;

- дар бораи саломатии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак ғамхорӣ зоҳир намуда, барои инкишофи шавқу рағбат ва қобилияти фарзанди худ шароит фароҳам оваранд;

- барои омода намудани кӯдакони синни томактабӣ (5-6- сола) ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ мусоидат намоянд;

- кӯдаконро дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан, хисси эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳифзи онҳоро тарбия намоянд;

- ба кӯдакон доштани муносибати эҳтиромона ба рамзҳои давлатӣ, забони давлатӣ, мероси фарҳангии ниёгон, шахсони калонсол, падару модар, урфу одат ва анъанаҳои миллати худро омӯзонанд.

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро омӯхта, барои ташаккули шахсияти фарзанди худ кӯшишу ғайрат намоянд.

**33. Мониторинги иҷрои Стандарт**

93. Мониторинг ин воситаи пайгирии дастовардҳои мақсад ва вазифаҳои таълиму тарбияи томактабӣ ва нигоҳубони кӯдак аз рӯзи таваллуд то 7 - сола бо назардошти хусусиятҳои инфиродии кӯдак аст.

94. Объекти мониторинг ва арзёбӣ инҳоянд:

- шароит барои таъмини тандурустӣ ва бехатарии кӯдак;
- иншоот, қитъаи замин, масолеҳ, таҷҳизот;
- шахсоне, ки ба муассисаҳои таълимии томактабӣ хизмат мерасонанд ва дигар таъминкунандагони хизмат;
- ҳуҷҷатҳои таълимию барномавӣ, дастурҳои методӣ, маводи бозӣ ва дидактикӣ;
- механизми ҳамкорӣ бо оила ва ҷомеа;
- сатҳи ташаккули ҷисмонӣ, равонӣ, иҷтимоӣ, нутқӣ ва саломатии кӯдакон;
- сатҳи инкишофи имконияти кӯдак бо эҳтиёҷоти махсус.

**34. Назорати давлатӣ барои татбиқи талаботи Стандарт**

95. Назорати давлатӣ барои татбиқи талаботи Стандарт дар асоси меъёрҳои арзёбии сифати таълиму тарбияи томактабӣ ба воситаи худназорат, санҷиш ва аттестатсияи муассисае, ки таълиму тарбияи томактабиро таъмин менамояд, амалӣ карда мешавад.

**35. Татбиқи Стандарт**

96. Татбиқи талаботи Стандарт дар ҳамаи муассисаҳои таълимии томактабӣ, гурӯҳҳои томактабие, ки дар хонаҳои кӯдакон ва марказҳои инкишофи кӯдакон, муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, мактаб-интернатҳои барои кӯдакони ятим ва бепарастор ҳатмӣ мебошад.

**36. Масъулият ҷиҳати иҷрои талаботи Стандарт**

97. Масъулияти иҷрои талаботи Стандартро муассисаҳои таълимии томактабӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии соҳаи маориф ба зимма доранд.